Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон

# Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Семоҳаи 2 | 2025

## Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар семоҳаи дуюми соли 2025

Дар семоҳаи дуюми соли 2025 вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо устувор буда, нишондиҳандаҳои асосии он тамоили тағйирёбии мусбиро нишон дод. Дар ин давра афзоиши теъдоди ташкилотҳои қарзӣ, ҳаҷми амонату пасандозҳо ва шумораи пасандоздорон, инчунин ба вуқуъ наомадани ягон ҳолати суғуртавӣ ба қайд гирифта шуд.

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд Хазина) ҳамчун мақоми ваколатдор фаъолияти худро пеш аз ҳама бо мақсади ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, таъмини фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, идома дод.

**Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо.** Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” (минбаъд Қонун) ҳар як ташкилоти қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби амонату пасандозҳо дорад, узви Хазина мебошад. Дар семоҳаи дуюми соли 2025 теъдоди ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо 37 ададро ташкил дод, ки аз он 13 адад бонк, 23 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) ва 1 адад ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) мебошад.

Ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо (адад)

| Номгӯи ташкилоти қарзӣ | Семоҳаи 2 2024 | Семоҳаи 4 2024 | Семоҳаи 1 2025 | Семоҳаи 2 2025 |
|---|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 12 | 13 | 13 | 13 |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | 19 | 21 | 22 | 23 |
| Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ | 1 | 1 | 1 | 1 |
| **Ҳамагӣ** | **32** | **35** | **36** | **37** |

Дар давраи ҳисоботӣ як адад ТАҚХ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо шомил гардид. Аз ҷумла, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶДММ ТАҚХ «Ганҷ Молия» барои анҷом додани амалиёти бонкӣ иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, мутобиқи Қонун аз ҷониби Хазина ба ҶДММ ТАҚХ «Ганҷ Молия» тасдиқнома дар бораи узвият таҳти №077 аз

санаи 03.06.2025с. дода шуда, он дар Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дохил карда шуд.

**Пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ ва сохтори он.** Аз рӯи ҷамъбасти маълумоти давраи ҳисоботии семоҳаи дуюми соли 2025 ҳаҷми амонату пасандозҳое, ки аз ҷониби Хазина суғурта мешаванд, раванди афзоиши муътадил дошт. Аз ҷумла, тибқи ҳисоботҳо ба ҳолати 30 июни соли 2025 ҳаҷми умумии бақияи амонату пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ – узви Хазина 14,4 млрд. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба андозаи 7,6 фоиз ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 42,0 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда (млрд. сомонӣ)




Дар сохтори пасандозҳои суғурташуда ҳиссаи амонату пасандозҳо бо пули миллӣ 60,1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 39,9 фоизро ташкил дод.

Сохтори асъории пасандозҳои суғурташуда (млрд. сомонӣ)



Ҳиссаи бештари пасандозҳои суғурташуда - 94,1 фоиз ё худ 13,5 млрд. сомонӣ ба амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ рост омада, боқимондаи ҳиссаи он – 5,9 фоиз ё худ 0,9 млрд. сомониро амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ташкил доданд.

Сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи моликият (бо фоиз)




Ҳамзамон, дар таркиби пасандозҳои суғурташуда ҳиссаи амонатҳои дархостӣ 6,1 фоиз, амонатҳои пасандозӣ 50,5 фоиз ва пасандозҳои мухлатнок 43,4 фоизи ҳаҷми умумии амонату пасандозҳоро ташкил доданд.

Сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи намуди амонат (бо фоиз)




**Шумораи пасандоздорони суғурташуда.** Ба ҳолати 30 июни соли 2025 шумораи пасандоздорони суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ 3,3 млн. нафарро ташкил дод, ки ин нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба андозаи 25,1 фоиз ва ҳамин давраи соли гузашта 48,5 фоиз зиёд мебошад. Аз шумораи умумии

пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи афзалиятнок – 99,8 фоиз ба шахсони воқеӣ рост меояд.

Шумораи пасандоздорони суғурташуда (млн. нафар)




Таҳлили сохтори пасандозҳо нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда маблағи 98,3 фоизи онҳо дар доираи андозаи ҷубронпулии суғурта пурра рӯйпӯш карда шуда, 1,7 фоизи боқимондаи пасандоздорон, ки маблағи амонату пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд аст, қисман рӯйпӯш карда шудаанд. Дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра рӯйпӯш гардидани 98,3 фоизи пасандоздорон нишондиҳандаи баланд буда, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда шудаанд.

Ҳиссаи пасандоздорони пурра суғурташуда (бо фоиз)




**Ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина**. Дар давраи баррасишаванда вобаста ба афзоиши ҳаҷми пасандозҳои суғурташаванда ҳаҷми ӯҳдадориҳои

суғуртавии Хазина низ афзоиш дошт. Аз ҷумла, ба санаи 30 июни соли 2025 ҳаҷми умумии ухдадориҳои Хазина аз рӯи пасандозҳои суғурташуда 5,5 млрд. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба андозаи 5,0 фоиз ва нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 29,3 фоиз зиёд мебошад.

Бояд қайд кард, ки ухдадории потенсиалии Хазина аз рӯи пардохти ҷубронпулии суғурта дар назди бонкҳо ҳиссаи зиёдтарин – 87,4 фоизи ҳаҷми умумии ухдадориҳоро ташкил медиҳад.

**Ухдадориҳои суғуртавии Хазина (млрд. сомонӣ)**




Бештари ухдадориҳои суғуртавии Хазина ба шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ рост меояд, ки маблағи он 5,4 млрд. сомонӣ ё худ 99,1 фоизи ҳаҷми умумии ухдадориҳоро ташкил медиҳад. Ухдадории суғуртавӣ дар назди шахсони ҳуқуқӣ бошад маблағи 47,8 млн. сомонӣ ё 0,9 фоизи ҳамаи ухдадориҳои Хазинаро ташкил медиҳад.

**Сохтори ухдадории суғуртавии Хазина аз рӯи моликият (бо фоиз)**



**Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони суғурташуда.** Дар семоҳаи дуюми соли 2025 дар ягон ташкилотҳои қарзии узви Хазина ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ наомад, ки ин дар маҷмуъ аз вазъи муътадил ва фаъолияти босуботи низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар давоми семоҳаи дуюми сол Хазина танҳо ба ду нафар пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк", ки оид ба тамдиди муҳлати гирифтани маблағи ҷубронпулии суғуртавӣ дар асоси Қонун бо ариза ба Хазина муроҷиат карданд, ба маблағи 33,5 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулии суғуртавӣ пардохт кард. Аз аввали соли ҷорӣ бошад Хазина ба 3 нафар пасандоздорони бонкҳои мазкур ба маблағи 38,3 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт кардааст.

Дар умум, аз соли 2016 то санаи 30.06.2025 сол маблағи умумии ҷубронпулии суғуртавии ба пасандоздорони 18 ташкилоти қарзии барҳамхӯрда пардохтшуда, маблағи 212,3 млн. сомонӣ, аз он ҷумла ба пасандоздорони ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк – 189,0 млн. сомониро ташкил дод.

Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина

| | Ба ҳолати 31.03.2025 | Ба ҳолати 30.06.2025 | Фарқият (+/-) |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ (адад) | 18 | 18 | 0 |
| Бонкҳо | 6 | 6 | 0 |
| ТАҚХ | 12 | 12 | 0 |
| **Ҳамагӣ ҷубронпулӣ пардохт карда шуд (ҳаз. сомонӣ)** | **212 315,9** | **212 349,4** | **33,5** |

**Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои Хазина**. Яке аз вазифаҳои муҳими Хазина ҷиҳати ташаккул ва андӯхти дороиҳои Хазина, фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти сарчашмаҳои тибқи Қонун барои сармоягузорӣ муайян кардашуда ва дар шароити имкониятҳои мавҷудаи бозори коғазҳои қиматнок, Хазина дар давраи баррасишаванда маблағҳои озоди худро бо мақсади гирифтани даромади ҷолибнок асосан ба коғазҳои қиматноки давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир намуд.

Дар семоҳаи дуюми соли равон 3 музоядаи бароришиҳ коғазҳои қиматноки давлатӣ дар ҳаҷми умумии 140,0 млн. сомонӣ ва аз аввали сол 7 музоядаи мазкур ба маблағи 430,0 млн. сомонӣ аз ҷониби Вазорати молия тавассути "Биржаи фондии Осиёи Марказӣ" баргузор гардид. Муҳлатнокии

воситаҳои молиявӣ 6, 12 ва 36 моҳро ташкил дод. Меъёри фоизҳои воситаҳои молиявии мазкур вобаста аз мӯҳлат аз 6,0 то 12,5 фоизи солонаро ташкил доданд. Вобаста ба ин, Хазина бо мақсади таъмини фаъолияти босамари сармоягузории маблағҳои озоди худ, дар давраи мазкур дар музоядаҳои коғазҳои қиматноки давлатӣ фаъолона ба маблағи 70,0 млн. сомонӣ ва аз аввали сол 181,0 млн. сомонӣ иштирок намуд.

Иштироки Хазина дар бозори коғазҳои қиматнок (млн. сомонӣ)




Меъёри даромаднокии миёнавазни сармоягузориҳои Хазина ба коғазҳои қиматноки давлатӣ 8,7 фоизи солонаро ташкил дод. Дар маҷмуъ, даромади гирифташудаи Хазина аз ҳисоби хариди коғазҳои қиматноки давлатӣ ба ҳолати 30.06.2025 сол маблағи 7,4 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 3,1 маротиба зиёд мебошад.

Даромади сармоягузорӣ аз коғазҳои қиматноки давлатӣ (млн. сомонӣ ва бо фоиз)



**Нишондиҳандаҳои молиявии Хазина**. Дар давраи баррасишаванда вобаста ба иҷрои вазифаҳои қонунии худ дар самти ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои қонунии пасандоздорон, афзоиши муътадили дороиҳои Хазина таъмин карда шуд.

Тибқи ҳисоботи тавозунӣ ба санаи 30 июни соли 2025 ҳаҷми умумии маблағҳои Хазина 453,2 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба семоҳаи қаблӣ 0,4 фоиз ва ҳамин санаи соли гузашта 1,9 маротиба зиёд мебошад. Аз маблағи умумии Хазина 217,7 млн. сомонӣ ба пули миллӣ ва 235,5 млн. сомонӣ ба асъори хориҷӣ рост меояд.

Бояд қайд намуд, ки афзоиши дороиҳои Хазина дар давраи баррасишаванда пеш аз ҳама аз ҳисоби ҷалби сармояи грантии Бонки Ҷаҳонӣ барои сармоякунонии Хазина воридгардида (13,5 млн. доллари ИМА), инчунин пардохтҳои ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина ва даромади аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ бадастомада, вобастагӣ дошт.

Тамоюли тағйирёбии маблағҳои Хазина (млн. сомонӣ)




Андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина[1], ки таносуби маблағи Хазинаро нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд, ба ҳолати 30 июни соли 2025 андозаи 3,2 фоизро ташкил дод (дар ҳамин давраи соли 2024 – 2,4 фоиз буд).

**Ҷараёни татбиқи лоиҳаи кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ**. Хазина дар давраи ҳисоботӣ ҳамкориҳои судмандро бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки Ҷаҳонӣ идома дод. Дар доираи лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ оид ба "Рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусӣ", ки он аз ҷониби

[1] Андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина тибқи қонун дар ҳаҷми 7 фоизи бақияи умумии пасандозҳои суғурташуда, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст, муқаррар карда шудааст.

Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаи «Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот»-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад, зерқисмати 1.1-и лоиҳа (ҳаҷми маблағгузорӣ 10,2 млн. СДР), ки ба таъмини устувории молиявии Хазина тавассути сармоякунонии грантии Хазина равона карда шудааст, дар давраи баррасишаванда пурра татбиқ гардид.

Аз ҷумла, бо дарназардошти аз ҷониби Хазина бо дастгирии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон иҷро гардидани шартҳои пешакии лоиҳаи зикргардида, Бонки Ҷаҳонӣ санаи 31.03.2025 сол маблағи сармоякуниро баробар ба 13,5 млн. долл. ИМА (бо мубодили пули миллӣ 147,4 млн. сомонӣ) ба суратҳисоби асъории Хазина дар Бонки миллии Тоҷикистон интиқол дод. Дар умум, ҷалби маблағи мазкур дастоварди назаррас дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар ва таҳкими устувории молиявии Хазина ҷиҳати таъмини кафолати амонату пасандозҳои пасандоздорони ташкилотҳои қарзии иштирокчиёни низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, арзёбӣ мегардад.

Ҳамзамон, Хазина дар якҷоягӣ бо мушовирони лоиҳа доир ба татбиқи зерқисмати 1.2 (ҳаҷми маблағгузорӣ 0,7 млн. СДР), ки тибқи он амалигардонии барномаи автоматикунонии раванди пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон бо назардошти таъмини системаҳои ҳифзи маълумот дар назар аст, ҳамкорӣ намуда истодааст. Татбиқи лоиҳаи зикршуда барои вусъат ёфтани равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи технологияҳои муосир дар Хазина, автоматикунонии равандҳои кории ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили ҳисоботҳо, боэътимоду фаврӣ омода намудан ва таъмини коркарди маълумоти Феҳристи пасандоздорон имконият медиҳад.

Ғайр аз ин, дар доираи зерқисмати 1.3 лоиҳа (ҳаҷми маблағгузорӣ 0,3 млн. СДР), ки он татбиқи чорабиниҳои ташвиқоту тарғиботи аҳолиро оид ба Хазина ва низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар назар дорад, бо ширкати ватанӣ оиди гузаронидани назарсанҷии аҳолӣ корҳо роҳандозӣ шуданд. Аз рӯи натиҷаҳои назарсанҷӣ вобаста ба сатҳи воқеан муайяншудаи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, омода намудани стратегияи коммуникатсионии Хазина ва дар амал татбиқ намудани он бо мушовирони лоиҳа ба нақша гирифта шудааст.

ФЕҲРИСТИ
ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо
(ба санаи 30.06.2025)

| № | Номгӯи ташкилотҳои қарзӣ | Тасдиқнома № |
|---|---|---|
| | Бонкҳо | |
| 1 | ҶСК “Ориёнбонк” | № 002 |
| 2 | ҶСК ”Бонки Эсхата” | № 006 |
| 3 | ҶСП ”Бонки рушди Тоҷикистон” | № 010 |
| 4 | ҶСП ”Актив Бонк” | № 070 |
| 5 | ҶСП ”Спитамен Бонк” | № 013 |
| 6 | ҶСП Бонки "Арванд" | № 025 |
| 7 | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | № 055 |
| 8 | ҶСК "Алиф-Бонк" | № 056 |
| 9 | ҶСК ”Коммерсбонки Тоҷикистон” | № 058 |
| 10 | Шуъбаи бонки “Тиҷорат”-и ҶИЭ дар ш.Душанбе | № 060 |
| 11 | ҶСП “Душанбе Сити Бонк” | № 064 |
| 12 | ҶСП ”Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | № 072 |
| 13 | ҶСП "Фридом Бонки Тоҷикистон" | № 073 |
| | Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ | |
| 14 | ҶДММ ТҚҒ "Васл" | № 067 |
| | Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | |
| 15 | ҶСП ТАҚХ “Ҳамров” | № 016 |
| 16 | ҶДММ ТАҚХ ”Финка” | № 022 |
| 17 | ҶДММ ТАҚХ ”Зудамал” | № 023 |
| 18 | ҶДММ ТАҚХ “Матин” | № 026 |
| 19 | ҶДММ ТАҚХ "Арғун" | № 027 |
| 20 | ҶДММ ТАҚХ “Сомон-Тиҷорат” | № 038 |
| 21 | ҶДММ ТАҚХ “Азизӣ - Молия” | № 041 |
| 22 | ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" | № 044 |
| 23 | ҶДММ ТАҚХ "Тезинфоз" | № 045 |
| 24 | ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" | № 046 |
| 25 | ҶДММ ТАҚХ "Сарват" | № 049 |
| 26 | ҶСП ТАҚХ “Ардо капитал” | № 059 |
| 27 | ҶДММ ТАҚХ “Пайванд Гуруҳ” | № 062 |
| 28 | ҶДММ ТАҚХ “Фурӯз” | № 063 |
| 29 | ҶСП ТАҚХ “Сандуқ” | № 065 |
| 30 | ҶСП ТАҚХ "Шукр Молия" | № 066 |
| 31 | ҶДММ ТАҚХ "Эмин Сармоя" | № 068 |
| 32 | ҶДММ ТАҚХ "Баракат Молия" | № 069 |
| 33 | ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС "Молия” | № 071 |
| 34 | ҶДММ ТАҚХ "Доро Пэй" | № 074 |
| 35 | ҶСП ТАҚХ "Бинес Капитал" | № 075 |
| 36 | ҶДММ ТАҚХ "Стандарт Молия" | № 076 |
| 37 | ҶДММ ТАҚХ “Ганҷ Молия” | № 077 |